**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
_________________Сафарзода Д.Ҷ.
«_01_» ___04_________ соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Холиқзода Омина Абдулваҳоб дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат**

**1. Мутобиқати мухтавои диссертатсия ба ихтисос ва ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Холиқзода Омина Абдулваҳоб дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)» пажӯҳиши илмии мукаммал ва анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф дар сатҳи баланди илмӣ таҳия карда шуда, мавзуи мазкур яке аз масъалаҳои мубрами илми назарияи давлат ва ҳуқукро ташкил медиҳад.

Мазмун ва мухтавои диссертатсияи Холиқзода Омина Абдулваҳоб ба шиносномаи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, мутобиқат менамояд.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Масъалаи ташаккул ва рушди ҳуқуқи инсон аз зумраи масъалаҳои мубрами илми назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳамзамон илми ҳуқуқи инсон ба ҳисоб меравад. Махсусияти рисолаи илмии мазкур дар он зоҳир мегардад, ки баҳри омӯзиши таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик, махсусан даврaҳои қадим ва асрҳои миёна равона карда шудааст. Омӯзиши мавзуи мазкур дар доираи рисолаи диссертатсионӣ хусусияти мубрам ва саривақтиро соҳиб мебошад. Зеро, миллати тоҷик дар масири таърих баҳри шинохти ҳуқуқи инсон, таъмини адолат ва риояи озодиҳои шахс амалҳои наҷиб ва мондагорро анҷом додааст. Аз ин дидгоҳ, дар раванди ҷаҳонишавии ҳуқуқи инсон таҳқиқ кардани паҳлуҳои норавшани таърихи ҳуқуқи инсон дар сарзамини тоҷикон, баҳри рушди илми ҳуқуқшиносии кишвар ва муайян намудани меҳварҳои инсонгароёнаи миллати тоҷик дар самти ҳуқуқи инсон метавонад саҳми арзишманд гузорад.

Бояд ишора намуд, ки рушди ҳуқуқи инсон дар ҳар марҳилаи таърихӣ дорои махсусиятҳои хосси худ мебошад. Бо ин мақсад, муайян намудани хусусиятҳои ҷудогонаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик имконият фароҳам меорад, ки мо аз диди илмӣ ба ҷойгоҳи инсон дар раванди идоракунии давлатӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ баҳои муносиб гузорем. Новобаста аз пажӯҳиш намудани паҳлуҳои мухталифи ҳуқуқ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик, ҳамоно даҳҳо масъалаҳои таҳқиқношуда, махсусан дар самти ҳуқуқи инсон ҷой доранд, ки бояд илми ҳуқуқшиносии ватанӣ инро аз мадди назар дур насозад. Ҳарчанд муҳаққиқон ба таърихи ин омил воқеъбинона назар намоянд ҳам, онҳо наметавонанд онро бидуни баррасии воқеияти имрӯза ба таври комил ошкор намоянд. Масоили мазкур, хусусан дар шароити навсозии комили ҷомеа ва аз байн рафтани бисёр анъанаҳои суннатӣ, аз ҷумла, дар илмҳои ҳуқуқшиносию ҷомеашиносӣ аҳаммияти бештарро соҳиб гардидааст. Ҳамаи омилҳои зикршуда, зарурати муайян кардани давраҳои рушди ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷикро ба миён меоранд. Таҳқиқоти мазкур боиси он мегардад, ки робитаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик бо дигар соҳаҳо ва илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба таври густурда ба роҳ монда шавад.

Таҳлили масъалаҳои давлатдорӣ ва ҷойгоҳи ҳуқуқи инсон дар идоракунии давлатӣ то имрӯз аҳаммияти муҳимми илмиву амалиро соҳиб мебошад. Зеро, дар шароити кунунӣ давлатҳо худро ба сифати давлати ҳуқуқбунёд муаррифӣ менамоянд ва дар он ҳуқуқи инсон мақоми махсусро соҳиб аст. Аз ин хотир, таъмин намудани мушкилоти марбут ба ҳуқуқи инсон дар давлати ҳуқуқбунёд натанҳо арзишҳои муосир, балки арзишҳои таърихӣ-ҳуқуқиро талаб менамояд.

Гуфтаҳои болозикр, гувоҳи он мебошанд, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар шароити муосир барои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ мубрамият дошта, ҳалли масъалаҳои гузошташуда баҳри мустаҳкам намудани пояҳои илмӣ ва таҳкими арзишҳои ҳуқуқии миллӣ метавонанд хизмат намоянд.

**3. Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудааст.** Гузориши ҳамаи масъалаҳои илмӣ, ки бо мавзуи диссертатсия робита доранд, бо дарназардошти мақсад, вазифаҳо, методологияи дарки илмӣ, дар заминаи натиҷаҳои таҳлили ҳаматарафаи илмии адабиёти илмӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои расмии бойгонишудаи фарогирифтаи давраи мавзуи таҳқиқ, асоснок карда шудаанд.

**4. Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар рисолаи илмии пешниҳодшаванда бори аввал пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқии таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар

таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна) анҷом дода шуда, дар муқоиса бо тамаддунҳои гуногуни ҷаҳонӣ ва ғояҳои ҳуқуқии мутафаккирони тоҷик ба риштаи таҳлил кашида шудааст.

Дар рисолаи илмӣ як қатор навгониҳои илмӣ ба назар мерасанд, ки дорои хусисияти илмии назариявӣ ва амалӣ мебошанд Аз ҷумла:

1. Муаллиф дар доираи баррасии андешаҳои мухталифи олимон ва сарчашмаҳои зиёди таърихӣ-ҳуқуқӣ бори нахуст мафҳуми мукаммали сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсонро дар шакли зерин матраҳ намудааст: Сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон яке аз намудҳои сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ буда, асноди ҳуқуқие мебошанд, ки дар шакли сарчашмаҳои эътиқодӣ, ахлоқӣ, адабию фарҳангӣ ва қарору мадракҳои сиёсӣ-ҳуқуқии соҳибони фармон эҷод шуда, ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар худ ҷой дода, дар марҳилаҳои муайяни таърихӣ ҳамчун сарчашмаи танзими муносибатҳо баромад намудаанд (саҳ. 11).

2. Масири таърих шаҳодат медиҳад, ки тоҷикон дар самти таъмини адолати додгоҳӣ нақши арзишмандро дар таърихи инсоният гузоштаанд. Бо ин назардошт, дар рисолаи илмӣ яке аз нахустин додварон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик Урвахшайа муаррифӣ шудааст, ки навгонии дигари рисолаи диссертатсиониро ташкил медиҳад. Таҳқиқбаранда ишора менамояд, ки “Урвахшайа дар баробари додгустарӣ ва таъмини адолат, инчунин ба танзими муносибатҳо машғул буда, меъёрҳои хусусияти танзимкунандаро эҷод карда, дар муносибатҳои додгоҳӣ аз онҳо истифода менамуд. Аз ин дидгоҳ, ӯро метавон ҳамчун нахустэҷодкунандаи меъёрҳои ҳуқуқӣ тариқи амсоли судӣ дар сарзамини тоҷикон баҳогузорӣ намуд” (саҳ. 12.).

3. Дар рисолаи илмӣ муаллиф ба сарчашмаҳои зиёди таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар заминаи онҳо ҷавҳари эътирофсозии ҳуқуқҳои инсонро дар сарзамини тоҷикон муайян намудааст. Аз ҷумла, пажуҳишгар сарчашмаҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ, ба мисли Эъломияи Куруши Кабир ва Қонунномаи Сосониёнро мавриди таҳлили амиқ қарор дода, ишора менамояд, ки дар санадҳои мазкур гурӯҳҳои гуногуни ҳуқуқҳои инсон мавриди танзим қарор гирифтаанд. Аз ин дидгоҳ, дар рисолаи илмӣ таснифоти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар санадҳои ишорашуда манзур карда шудааст, ки навгонии муҳимми илмӣ дар таърихи ҳуқуқи инсон маҳсуб меёбад.

4. Бо мақсади дуруст ба роҳ мондани омӯзиши таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик, инчунин ҳимояи манфиатҳои давлатӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ, муаллифи рисолаи илмӣ баъзе пешниҳодҳои судманди амалиро ҷиҳати таъсис додани марказҳои таҳқиқотӣ ва омӯзишӣ манзур кардааст, ки аз диди амалисозии ҳадафҳои давлатӣ, мувофиқи мақсад мебошанд ва дар муҳити илми ҳуқуқшиносии ватанӣ бори нахустанд.

Ба назар мерасад, ки дар рисолаи илмӣ боз даҳҳо масъалаҳои дигари таҳқиқшудае ҷой доранд, ки дар илми ватанӣ аз зумраи навгонии илмӣ баҳогузорӣ мегарданд. Онҳо мушкилотҳои мавҷудаи назариявиро аз нигоҳи илмӣ фаро гирифта, метавонанд баҳри ҳалли холигиҳои ҷойдошта ҳамчун замина баромад намоянд.

Саҳеҳии ҳамаи натиҷаҳои илмии дар боло зикршуда бо ақидаҳои дар илми ҳуқуқшиносӣ пазируфташуда, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи диссертатсионӣ, таҷрибаи амалӣ дар самти ҳуқуқи инсон тасдиқ карда мешавад.

Натиҷаҳои илмии диссертатсия, ки дар нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва хулосаҳои умумӣ инъикос ёфтаанд, қобили истифода барои илми ҳуқуқшиносӣ, такмили қонунгузории миллӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ мебошанд.

**5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аз ҷиҳати назариявӣ ба рушди ғояҳои муосири илмӣ роҷеъ ба ташаккул ва рушди таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик асос гардида, барои боз ҳам тақвият додани донишҳои мукаммали илмӣ оид ба раванди болозикр замина мегузорад. Хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалии манзуршуда метавонанд барои таҳқиқотҳои илмӣ ба сифати сарчашма баромад намоянд ва дар таҳкими қонунгузорӣ, инчунин фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти салоҳиятдор саҳмгузор бошанд.

Ҳамзамон, онҳо метавонанд ҳангоми таҳия ва татбиқи ҳуҷҷатҳои барномавии давлатӣ истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми омӯзиши фанҳои таълимии «Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон», «Ҳуқуқи инсон», «Таърихи ҳуқуқи инсон», «Ҳуқуқшиносии муқоисавӣ» ва курсҳои махсуси «Механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон», «Ҳуқуқи занон», инчунин, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои хатм, магистрӣ, диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор дода шаванд.

Таҳқиқоти диссертатсионии анҷомёфта дар заминаи худ имкониятро баҳри баланд бардоштани донишҳои гуногуни ҳуқуқӣ, махсусан ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии инсон ва шаҳрванд фароҳам оварда, баҳри болобурди маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон замина мегузорад, ки ин дар амалӣ намудани ҳадафҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат мусоидат менамояд.

**6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар воқеӣ будани дониши ҳосилшуда, мантиқӣ будани он, робитаи он бо асарҳои муҳаққиқони дигар, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот оид ба мавзуъ, инъикоси объективии мушкилоти ба риштаи таҳқиқ фаро гирифтани таҳаввули андешаи ҳуқуқи

инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна), таҳлили маводи илмию амалии соҳавӣ, усулҳои гузарондани таҳқиқот, инчунин, мутобиқати диссертатсия ба талаботи муқарраршуда, ифода мегардад.

**7. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои сатҳи гуногуни илмӣ-амалӣ тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

8. **Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти мазкур дар 18 маводи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ, 14 мақола дар нашрияҳои дигар ва 1 воситаи таълимӣ инъикос меёбанд. Дар ин нашрияҳо натиҷаҳои калидӣ, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодкардаи унвонҷу ба таври мушаххас ва возеҳ баён ёфтаанд. Аз ҷумла:

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1–А]. Холиқова, О.А. Эътирофи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар Қуръон [Матн] / О.А. Холиқова // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷалаи илмӣ-амалӣ). – Душанбе, 2021. – № 2 (22). – С. 57-71; ISSN 2414 9217.

[2–А]. Холиқова, О.А. Сарчашмаҳои маънавӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар таърихи халқи тоҷик [Матн] / О.А. Холиқова // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷалаи илмӣ-амалӣ). – Душанбе, 2022. – № 2 (26). – С. 73-86; ISSN 2414 9217.

[3–А]. Холиқова, О.А. Ҳуқуқи инсон дар катибаҳои бостон [Матн] / О.А. Холиқова // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷалаи илмӣ-амалӣ). – Душанбе, 2025. – № 1 (37). – С. 86-91; ISSN 2414 9217.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

[4–М]. Холиқова, О.А. Нақши Конститутсия дар таҳкими ҳуқуқи модар ва кӯдак [Матн] / О.А. Холиқова // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷалаи илмӣ-амалӣ). – Душанбе, 2018. – № 4 (12). – С. 127-133.

[5–М]. Холиқова, О.А. Манъи зӯроварӣ нисбат ба занон [Матн] / О.А. Холиқова // Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо (маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба 70-умин солгарди қабули Эъломияи умумии

ҳуқуқи инсон) / зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. – С. 221-225.

[6–М]. Ҳолиқова, О.А. Мушкилоти никоҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / О.А. Холиқова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021)» ва «400-солагии Миробид Сайидои Насафӣ». Ҳафтаи илм. Ҷилди II. – Душанбе: Чопхонаи ДМТ, 2019. – С. 128.

[7–М]. Холиқова, О.А. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар Эъломияи Куруши Кабир [Матн] / О.А. Холиқова // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи: «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе, 2019. – С. 227-231.

[8–М]. Холиқова, О.А. Эътирофи ҳуқуқи инсон дар нахустин сарчашмаҳои ҳуқуқии халқи тоҷик [Матн] / О.А. Холиқова // Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳҳои ҳал ва дурнамо (маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон) / зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. – С. 406-409.

[9–М]. Холиқова, О.А. Андешаҳои ҳуқуқи инсон дар Авесто ва Вандидод [Матн] / О.А. Холиқова // Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ (7-уми декабри соли 2020) / зери таҳрири д.и.ҳ., профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – С. 353-360.

[10–М]. Холиқова, О.А. Андешаҳо оид ба ҳуқуқи инсон дар «Авесто» [Матн] / О.А. Холиқова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «5500-солагии Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» / зери назари д.и.и., профессор Хушвахтзода Қ.Х. ва д.и.к., профессор Сафармамадзода С.М. – Ҷилди II. – Душанбе: Чопхонаи ДМТ, 2020. – С. 108.

[11–М]. Холиқова, О.А. Аҳамияти омӯзиши таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик [Матн] / О.А. Холиқова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «30-солагии истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «110-солагии Шоири халқии Тоҷикистон, Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода», «110-солагии Нависандаи халқии

Тоҷикистон Сотим Улуғзода» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» / зери назари д.и.и., профессор Хушвахтзода Қ.Х. ва д.и.к., профессор Сафармамадзода С.М. – Ҷилди II. – Душанбе: Чопхонаи ДМТ, 2021. – С. 111-112.

[12–М]. Холикова, О.А. Общая характеристика правовых систем Китая и Таджикистана [Текст] / О.А. Холикова, Н.А. Холиков // Права человека в процессе глобализации: материалы Республиканской научно-теоретической конференции (7 декабря 2021 года) / под ред. д.ю.н., профессора Рахмона Д.С. – Душанбе: Типография ТНУ, 2021. – С. 133-140.

[13–М]. Холиқова, О.А. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар Қонунномаи Сосониён [Матн] / О.А. Холиқова // Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз: маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ (9-уми декабри соли 2022) / зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонализода Н.Ш. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022. – С. 145-152.

[14–М]. Холиқова, О.А. Андешаҳои ҳуқуқи инсон дар таърихи халқи тоҷик дар давраи низоми ҳуқуқии зардуштӣ [Матн] / Ҷ. Саъдизода, О.А. Холиқова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бахшида ба «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров», «145-солагии бунёдгузори адабиёти муосири тоҷик Садриддини Айнӣ», «2023 – Соли забони русӣ» ва «2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо». – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – С. 324-328.

[15–М]. Холиқова, О.А. Мафҳум ва моҳияти сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон [Матн] / Ҷ. Саъдизода, О.А. Холиқова // Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (5-уми декабри соли 2023) / зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – С. 106-112.

[16–М]. Холиқова, О.А. Ҳуқуқи инсон дар катибаҳои бостон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ [Матн] / Ф.М. Шоев, О.А. Холиқова // Ҳуқуқи инсон: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (6-уми декабри соли 2024) / зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Сомон принт, 2024. – С. 175-179.

[17–М]. Холиқова, О.А. Аҳамияти омӯзиши таҳввули ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик дар замони муосир [Матн] / О.А. Холиқова // Ҳуқуқи инсон ва мушкилоти замони муосир: маводи конференсияи байналитлалии илмию назариявӣ бахшида ба таҷлили Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 80-умин солгарди таъсисёбии СММ, элон гардидани солҳои

2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақами ва инноватсия» ва қабул гардидани қатъномаи СММ зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои устувор дар Осиёи Марказӣ», 5-уми декабри соли 2025. – Душанбе, 2025. – С. 403-409.

**III. Воситаи таълимӣ:**

[18–М]. Рахмон, Д.С., Саъдизода, Дж., Шоев, Ф.М., Искандаров Ш.Ф., Холикова, О.А., Холиков, Н.А. Основы государства и права [Текст]: учебное пособие / Д.С. Рахмон, Дж. Саъдизода, Ф.М. Шоев, Ш.Ф. Искандаров, О.А. Холикова, Н.А. Холиков; под ред. д.ю.н., профессора Холикзода А.Г. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 136 с.

**9. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Дар муқаддимаи рисолаи илмӣ мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети мавзуи таҳқиқот, марҳила, макон ва давраҳои таҳқиқот, оварда шуда, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, инчунин заминаҳои эмпирикии таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, тавсиф гардида, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шуда, оид ба саҳми шахсии довталаб, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври зарурӣ изҳори назар карда шудааст.

Нақша ва сохтори диссертатсия тавре таҳия шудаанд, ки маҷмуи масъалаҳои муҳим ва зарурииро барои ҳалли мавзуи таҳқиқшаванда дар бар мегиранд.

Сохтори рисолаи илмӣ бо назардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аз номгуйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, руйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 175 саҳифаро дар бар мегирад.

Боби якуми диссертатсия – «Мафҳум ва моҳияти сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва таҳаввули андешаҳо оид ба ҳуқуқи инсон» номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат аст. Зербоби якуми боби якум – «Мафҳум ва моҳияти сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон» номгузорӣ гардида, дар заминаи он мафҳумҳои бунёдии мавзуи баррасшаванда мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

Ба ақидаи муаллиф дар марҳилаи рушд ва эъмори давлати демократию ҳуқуқбунёд, ҳуқуқи инсон ба сифати унсури муҳим шинохта шуда, талош баҳри он сурат гирифта истодааст, ки он ҳамчун арзиши олӣ мавриди эътирофнамоӣ қарор бигирад. Бо ин мақсад, дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ даҳҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул шудаанд, ки мазмун ва моҳияти ҳуқуқи инсонро фарогир мебошанд. Вале, бояд махсус ишора намуд, ки сарчашмаҳои муосири ҳуқуқи

инсон оғозгоҳи худро аз сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ мегиранд, ки дар онҳо мазмун ва моҳияти ҳуқуқи инсон мустаҳкам карда шудааст (саҳ. 19).

Ба назари муаллифи диссертатсия сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон дарбаргирандаи он асноди ҳуқуқие мебошанд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар худ дар марҳилаҳои муайяни таърихӣ мустаҳкам кардаанд. Вале, бояд зикр намуд, ки моҳияти фарогирии ҳуқуқи инсон дар сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон гуногун буданд. Масалан, агар дар марҳилаи нахуст инсоният тавассути сарчашмаҳои ахлоқӣ-динӣ ба ҳуқуқу озодиҳои худ арҷ мегузошт, дар марҳилаҳои баъдӣ, аллакай ҳуқуқи инсон моҳияти расмиро (дар санадҳои расмии давлатӣ) ба худ касб намуд (саҳ. 27).

Дар зербоби дуюми боби якуми диссертатссия бошад, таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки таърихи ҳуқуқи инсон аз ҷомеаи ибтидоӣ оғоз ёфта, бо худмуайянкунии шахс тавассути мансубият ба қабила ва қоидаҳои рафтор дар ин ҷомеа алоқаманд аст. Дар ин марҳила қоидаҳое буданд, ки одатҳои устувор ва ба мақсад мувофиқи одамонро инъикос мекарданд. Онҳо ақидаҳои гуногунро барои қабилаҳо коркард менамуданд ва ба ин васила руҳияи онҳоро барои машғул шудан ба меҳнат баланд мебардоштанд. Дар адабиёти илмӣ қоидаҳои ҷомеаи ибтидоиро «мононормаҳо» маънидод менамоянд, яъне он меъёрҳоеро, ки аз меъёрҳои динӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ ҷудо мебошанд (саҳ. 34).

Бо андешаи муаллиф даврабандӣ кардани ташаккули ҳуқуқи инсон барои дарки дурусти он кӯмак менамояд. Аммо, марҳилаи ташаккули ҳуқуқи инсон дар масири давлатдорӣ ва идоракунии халқу миллатҳо яксон нест. Зеро, ҳуқуқи инсон ҳамчун арзиши инсонӣ решаи амиқи таърихӣ дошта, моҳияти он ва танзими ҳуқуқии он аз низоми идоракунӣ ва низоми сиёсии давлатҳо низ вобастагӣ дошт. Маҳз бо назардошти ин омилҳо, муҳаққиқон дар муайян кардани давраҳои ташаккули ҳуқуқи инсон бо мушкилотҳои гуногун дучор мегарданд ва назарҳои мухталифи худро матраҳ менамоянд (саҳ. 49).

Боби дуюми диссертатсия – «Андешаҳо оид ба ҳуқуқи инсон дар сарчашмаҳои ҳуқуқии тамаддуни зардуштӣ» номгузорӣ шуда, аз се зербоб иборат аст. Зербоби якуми боби дуюм «Шинохт ва эътирофи ҳуқуқи инсон дар нахустин сарчашмаҳои ҳуқуқии халқи тоҷик» номгузорӣ шудааст. Дар ин қисмати рисола, муаллиф бо таҳлили қонунгузорӣ ва адабиёти илмӣ унсурҳои ҳуқуқҳои инсонро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ба назари муаллиф дар муҳити илмӣ, махсусан илми ҳуқуқшиносӣ доир ба замони таълифи яке аз нодиртарин сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии халқи тоҷик – Авасто андеша ва назарҳои яксон ҷой надоранд. Вале, чун ба мазмун ва моҳияти таҳлилҳои илмӣ назар афканем, боз ба қадимият ва таърихӣ будани ин сарчашма эътиқод пайдо

намуда, хулоса менамоем, ки он таърихи беш аз чорҳазорсоларо дорост. Инчунин, миллати тоҷик дар масири давлатдорӣ ва мавҷудияти худ, ба ҷуз Авасто боз санадҳои дигари таърихӣ-ҳуқуқӣ ва ахлоқиро дар ёд дорад, вале мутаассифона онҳо то замони мо нарасидаанд. Бо ин мақсад, метавон иброз намуд, ки Авасто яке аз нахустин сарчашмаҳои таърихӣ-хукукии миллати тоҷик ба шумор рафта, дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ баҳри шинохти ҳуқуқи инсон ва арзишманд эътироф намудани он ҳамчун субъекти олӣ, хизмати бесобиқа бузургро анҷом додааст (саҳ. 55).

Зербоби дуюми ин боб ба «Андешаи ҳуқуқу озодии инсон дар Эъломияи Куруши Кабир ва катибаҳои дигари бостон» бахшида шудааст. Дар ин зербоб муаллиф ба таври ҳамаҷониба хусусиятҳои Эъломияи Куруши Кабир ва катибаҳои дигари бостонро таҳлил намуда, бо истифода аз маводи назариявӣ ва таърихӣ масъалаҳои муҳимми марбут ба ҳуқуқи инсонро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Ҳамзамон, муаллиф дар хусуси мубрамият доштани Эъломияи Куруши Кабир, ҷойгоҳи он дар шинохти ҳуқуқи инсон ва нақши он дар бунёди низомҳои ҳуқуқии замони муосир андешаронӣ кардааст. Аз ҷумла, ишора мегардад, ки аксарияти муҳаққиқон бар он назаранд, ки Эъломияи Куруши Кабир на танҳо роҳи низоми ҳуқуқӣ ва қонунэҷодкуниро дар сарзамини тоҷикон боз кард, балки он заминаи мустаҳками қонунэҷодкунӣ ва ҳуқуқофариниро дар манотиқи дигари дунё гузошт (саҳ. 76).

Дар зербоби сеюми боби дуюм, ки «Андешаи ҳуқуқи инсон дар Қонунномаи Сосониён» ном гирифтааст, ҳуқуқҳои бунёдии инсон дар сарчашмаи ишорашуда мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар ин зербоб қайд шудааст, ки низоми ҳуқуқии зардуштӣ, ки дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик ҳамчун низоми таърихӣ-хукуқӣ баҳогузорӣ карда мешавад, барои шинохти инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ нақши бисёр муҳимро иҷро кардааст. Ҷойгоҳи ҳуқуқи инсон дар ин низоми ҳуқуқӣ ба таври зарурӣ аз ҷониби муҳаққиқон омӯхта шуда бошад ҳам, аммо ҳамоно паҳлуҳои ҷудогона он вуҷуд доранд, ки ба таври мукаммал коркард нагардидаанд. Аз ин рӯ, мувофиқи мақсад аст, агар мо баҳри муайян сохтани ҳуқуқи инсон дар ин сарчашмаи нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ иқдом бигирем. Қонунномаи Сосониён яке аз нодиртарин сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ натанҳо дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик, балки дар таърихи ҷомеаи башарӣ баҳогузорӣ мегардад (саҳ. 94-95). Чунин таснифот барои муайян намудани шароитҳои ба вуҷуд омадани объекти ҳифз ва ҳаҷми салоҳияти ҳуқуқӣ аз рӯйи санади мазкур моҳияти калон дорад. Мақсад дар он аст, ки объектҳои мавҷудбудаи ҳифзшаванда аллакай тибқи санади мазкур ба вуҷуд омаданд.

Боби сеюми диссертатсия «Андешаи ҳуқуқи инсон дар асрҳои миёна» ном дошта, аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби якуми боби сеюми диссертатсия

масъалаи «Андешаи ҳуқуқи инсон дар сарчашмаҳои расмии давлатӣ дар асрҳои миёна» мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллифи диссертатсия таъкид менмояд, ки ҳимояи ҳуқуқҳои инсон аз субъектҳои фаъоли расмӣ вобаста буд. Андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик моҳияти пайдарҳамӣ дошта, аз як марҳилаи таърихӣ ба марҳилаи дигар бо назардошти ба инобат гирифтани унсур ва омилҳои таъсиррасонандаи марҳилаи сипаришуда дар марҳилаи навин инкишоф ёфтааст. Яъне, қонуни инкори рушди муносибатҳои иҷтимоӣ дар доираи меросияти таърихӣ ва асосҳои диалектикии рушди муносибатҳо дар фазои ҳуқуқӣ тавассути падидаҳо ва мақулаҳои ҳуқуқӣ бо тамоюли таъсири анъанавияти шарқӣ риоя шудааст. Далели равшани ин гуфтаҳоро метавон аз мавҷудияти андешаи ҳуқуқи инсон дар асрҳои бостон ва дар асрҳои миёна пайдо намуд, ки заминаҳои бунёдии худро аз марҳилаи қаблӣ, яъне аҳди қадим гирифтаанд (саҳ. 109).

Низоми ҳуқуқӣ ва раванди идоракунӣ тавассути меъёрҳои динӣ амалӣ гардида, шоҳ ухдадор буд то адолати судиро таъмин намуда, ҳокимиятро идора кунад ва тавассути амру фармонҳои худ ваколати қонунгузориро пиёда созад. Новобаста аз он ки низоми ҳуқуқии марҳилаи мазкур ба меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ итоат менамуданд, аммо баъзан мушоҳида мешавад, ки дар танзими муносибатҳои ҷудогона меъёрҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд ва махсусияти танзими ҳуқуқи инсонро дар ин марҳила ифода менамояд. Масалан, дар асоси меъёрҳои исломӣ духтарону писарон аз синни 9-12-солагӣ соҳиби ҳуқуқу ухдадориҳои граждании гардида, ҳуқуқи бастани ақди никоҳро соҳиб мешуданд, аммо дар аҳди Сомониён ин қолабро қисман дигаргун намуда, ба баъзе ахшос ҳаққи аз 15-солагӣ соҳиби қобилияти амалкунӣ гардидан ва бастани ақди никоҳро муқаррар карданд. Аммо, доир ба ин масъала миёни муҳаққиқон андешаҳои мухталиф ҷой дошта, баъзан синни никоҳро барои занон аз 9-17-солагӣ ва барои мардон аз 12-19-солагӣ арзёбӣ менамоянд (саҳ. 114).

Дар зербоби дуюми боби сеюми диссертатсия масъалаҳои «Андешаи ҳуқуқи инсон дар афкори мутафаккирони тоҷику форс дар асрҳои миёна» таҳлил карда шудааст. Ба андешаи муаллиф, дар афкори мутафаккирони тоҷику форс диққати махсус ба интихоби сарвари давлат дода шудааст. Аз нигоҳи мо, сабаби ин таваҷҷуҳро салоҳият ва ваколатҳои ӯ ташкил медиҳанд. Зеро, дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ, махсусан дар асрҳои миёна шоҳон на бо роҳи интихобӣ, балки тавассути мақому мартаба ва асли баромад ба сари қудрат меомаданд. Онҳо салоҳияти таъмини адолати комилро дар ихтиёр доштанд. Аммо, ин маънои онро надорад, ки дар осори онҳо масоили алоқаманд бо ҳуқуқи инсон ба назар намерасад, балки ин муносибат аз нигоҳи фаҳмиши муосири ҳуқуқи инсон моҳияти ҳуқуқҳои сиёсиро дар самти интихоб шудан ва интихоб кардан ифода менамоянд. Мутафаккирони тоҷик тавассути тарғиби

адолат, баробарӣ, дастгирӣ намудани табақаҳои эҳтиёҷманд ва ба роҳбарӣ гирифтани моҳияти принсипи инсондӯстӣ ба ҳуқуқ ва озодии инсон таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд (саҳ.143).

Дар қисмати ниҳоӣ, муаллиф хулоса ва пешниҳодҳои судманди илмиро манзур кардааст, ки метавонанд баҳри рушди илми ҳуқуқшиносӣ, шинохти арзишҳои ҳуқуқӣ ва таҳқими пажуҳишҳои илмӣ дар самти таърихи ҳуқуқи инсон мусоидат намоянд.

**10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Холиқзода Омина Абдулваҳоб дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ба талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ», ки бо Қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад.

**11. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Холиқзода Омина Абдулваҳоб ба ихтисоси илмии 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқат дорад.

**12. Эродхо ва ҳолатҳои баҳсталаб дар диссертатсия.**

Дар рисолаи илмӣ дар баробари муваффақиятҳои назарраси илмӣ, инчунин масъалаҳои ҷудогонае ба назар мерасанд, ки баҳсталаб мебошанд. Аз ҷумла:

1. Дар рисолаи илмӣ, махсусан дар зербоби дуюми боби дуюми рисолаи илмӣ, ки ба таҳқиқи Эъломияи Куруши Кабир ва катибаҳои дигари бостон равона шудааст, муҳаққиқ бештар такя ба омӯзиши ҷавҳари ҳуқуқи инсон дар Эъломияи Куруши Кабир намуда, чанде аз катибаҳои бостонро мавриди таҳлил қарор додааст. Аммо, муаллиф зимни таҳлили масъала на ҳамаи катибаҳои бостонро мавриди омӯзиш қарор додааст. Бо ин мақсад, таҳлил кардани дигар катибаҳои бостон баҳри муайян намудани арзишҳои ҳуқуқӣ, махсусан дар самти ҳуқуқи инсон метавонанд имконияти бештарро фароҳам оваранд.

2. Муаллифи рисолаи илмӣ таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсонро дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик ба таври амиқ таҳлил карда, вазифаҳои гузоштаи рисолаи илмиро иҷро кардааст. Вале, хуб мешуд, агар таҳқиқбаранда аҳамияти андешаҳои ҳуқуқи инсонро, ки дар сарзамини таърихии тоҷикон

ҷой доштанд, бо назардошти ҳолати муосир мавриди баррасӣ қарор дода, дар ин самт низ пешниҳодҳои муфиди илмиро манзур менамуд.

3. Дар пешниҳоди якуми ба ҳимоя манзуршуда, муаллиф ишора менамояд, ки таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик тавассути се роҳ анҷом дода шудааст, яъне бо роҳи расмӣ-давлатӣ, тарғиби ҳуқуқ ба эътиқод ва роҳҳои маънавӣ-ҳуқуқӣ. Аз муаллифи рисолаи илмӣ даъват карда мешавад, ки ҳангоми ҳимояи ошкоро, таъсири ҳуқуқ ба эътиқодро дар таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон, махсусан дар сарзамини таърихии тоҷикон равшанӣ андозад.

Эродҳо ва ҳолатҳои ишорашуда аз нуқтаи назари илмӣ баҳснок буда, аҳаммият ва натиҷаҳои мусбати таҳқиқоти диссертатсионии Холиқзода Омина Абдулваҳобро коста намегардонанд. Зеро, муаллифи рисолаи илмӣ вазифаҳои дар таҳқиқот пешбинишударо иҷро намуда, ба ҳадафҳои гузошташуда расидааст.

**13. Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионии Холиқзода Омина Абдулваҳоб дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ буда, муаллифи он Холиқзода Омина Абдулваҳоб ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат сазовор аст.

Тақризи муассиса дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар семинар иштирок доштанд – 11 нафар: «тарафдор» – 11 нафар, «муқобил» – нест, «бетараф» – нест. Протоколи семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №7/1 аз 31-уми марти соли 2026.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Холинова М.М. – мудири кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи

идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда шуда, дар ҷаласаи кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар маҷлис иштирок доштанд – 11 нафар: «тарафдор» – 11 нафар, «муқобил» – нест «бетараф» – нест. Протоколи кафедра таҳти №8/1 аз 31-уми марти соли 2026.

**Раиси семинари илмӣ-назариявӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи
факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдулхонов Ф.М.

**Ташхисгар:** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, мудири кафедраи назарияи давлат
ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Холинова М.М.

**Котиб:** мутахассис-коргузори кафедраи
назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети
ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Иброҳимова Д.Ҳ.

Имзоҳои Абдулхонов Ф.М., Холинова М.М.
ва Иброҳимова Д.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Насурдинзода А.Н.

«01» 04 2026 с.

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33; телефон: +992(37) 224-17-86; 372-24-17-86 E.mail: info@apa.tj